5.6 (07 00 00) ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ
5.6 ИЛМҲОИ ТАЪРИХ
5.6. HISTORICAL SCIENCES

5.6.1(07 00 02) Отечественная история
5.6.1 Таърихи Ватан
5.6.1 Domestic history

УДК *94(100-87)*
DOI *10.24412-2413-2004-2022-4-5-12*

ҶАШНҲОИ МИЛЛИВУ ДАВЛАТӢ - ЗАМИНАИ УСТУВОР ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ МИЛЛИИ КИШВАР

Исамитдинов Жорабек Бобобекович, *номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

НАЦИОНАЛЬНЫЕ И ГОСУДАРСТВЕННЫЕ ПРАЗДНИКИ - СТАБИЛЬНАЯ ОСНОВА РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

Исамитдинов Жорабек Бобобекович, *кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа ГОУ "ХГУ имени академика Бободжона Гафурова"(Таджикистан, Худжанд)*

NATIONAL AND STATE HOLIDAYS ARE A STABLE BASIS FOR THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL INDEPENDENCE OF THE COUNTRY

Isamitdinov Zhorabek Bobobekovich, *Candidate of Historical Sciences, Associate Professor department of the history of the Tajik people SEI "KhSU named after academician Bobojon Gafurov"(Tajikistan, Khujand)* ***E- MAIL:*** *Isomatdinov1961@mail.ru*

Масоили дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон ташкил ва баргузор шудани ҷашнҳои милливу давлатӣ ва ҷашнҳои байналхалқӣ баррасӣ шудааст. Кӯшиш ба харҷ дода шудааст,ки хусусиятҳои хоси ҷашнҳо, технологияи баргузории онҳо, нақш ва ҷойгоҳи ҷашнҳо ва расму оинҳо дар сиёсати давлатии иҷтимоии ҷумҳурӣ, эҳёи анъанаҳои ҷашнӣ, тавсифи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзҳои ид"ва дигар масъалаҳои марбут ба ҷашнҳои милливу давлатӣ мавриди таҳлил қарор гиранд. Таъкид шудааст,ки ҳадаф аз таҷлили ҷашнҳои давлатӣ муттаҳид кардани шаҳрвандон дар атрофи раҳбарони расмӣ мебошад. Бо шарофати ҷашнҳо мардум бо рӯйдодҳои таърихии фаромӯшнашаванда, санаҳои муҳим ва солгарди рушди фарҳанги ватаниву ҷаҳонӣ шинос мегарданд ва худи ҷашнҳо аҳамияти давлатию миллӣ пайдо мекунанд.

Калидвожаҳо: *ҷашнҳо, ҷашнҳои миллӣ-давлатӣ, ҷашнҳои байналхалқӣ, фарҳанги ҷашнӣ, фазои идона, чорабиниҳои идона*

Рассматривается порядок организации и проведения национальных и государственных, а также международных праздников в условиях независимости Таджикистана. Предпринята попытка описать особенности праздников, технологию их проведения, определить роль и место праздников и обрядов в государственной социальной

политике республики, возрождение праздничных традиций, описание Закона Республики Таджикистан «О праздниках» и другие вопросы, связанные с национальными и государственными праздниками. Подчеркнуто, что целью празднования государственных праздников является объединение граждан вокруг официальных лидеров. Благодаря праздникам люди знакомятся с незабываемыми историческими событиями, важными датами и юбилеями в развитии отечественной и мировой культуры, а сами праздники приобретают государственное и общегосударственное значение.

Ключевые слова: *национальные торжества, национально-государственные праздники, международные праздники, праздничная культура, праздничная атмосфера, праздничные мероприятия*

The article dwells on the organization and holding of national and state holidays, international holidays under the conditions of independence of Tajikistan. The author of the article makes an endeavor to describe the peculiarities of holidays, technology of their holding, role and place of holidays and rituals in state social policy of the republic, revival of holiday traditions, description of the Law of the Republic of Tajikistan "On Holidays" and other issues concerned with national and state holidays being taken into account as well. It is emphasized that the purpose of celebrating public holidays is to unite citizens around official leaders. Thanks to the holidays, people get acquainted with unforgettable historical events, important dates and anniversaries of the development of home and world culture, and holidays themselves acquire state and national significance.

Key words: *celebrations, national-state holidays, international holidays, festive culture, festive atmosphere, festive events*

Муҳиммияти ҷашнҳо, хосатан ҷашнҳои милливу давлатӣ аз он иборат аст,ки онҳо арзишҳои волои барои инсон мубрамро амалӣ месозанд, онҳоро тасдиқ мекунанд, аҳаммияти онҳоро ба наслҳои оянда мерасонанд. Дар рӯзҳои ид ташаббускорони он арзишро «ба вуҷуд меоваранд». Шуури шаҳрвандӣ, муҳаббат ба Ватан, арҷгузорӣ ба ҳукуматдорони адолатпеша, эҳтиром ба гузаштаи қаҳрамононаи кишвар - ҳамаи ин арзишҳо бояд дар рӯзи ҷашни мардумиву давлатӣ ба «дараҷаи» идеалҳо бардошта шаванд.

Барои он ки ҷашн воқеан умумимиллӣ гардад, ҳар як шаҳрванд бояд ин арзишҳоро на танҳо ҳамчун идеал, балки чун идеали худ дарк намояд.

Ҷашнҳои давлатӣ баъзе хусусиятҳои ба худ хос доранд: онҳо аз рӯи механизми анъанавӣ дар фарҳанг вуҷуд надоранд ва ҳамчун субъекти худ - инкишофёбанда амал карда наметавонанд. Аз ин рӯ, онҳо ба ҷонибдорӣ ҳам аз тарафи технологҳои чорабиниҳои идона ва ҳам аз тарафи идеологҳо ҳамеша ниёз доранд.

Аз сабаби он, ки ҷашнҳои давлатӣ бо ташаббуси мақомоти давлатӣ сурат мегиранд, ӯҳдадории иҷрои маросим бар дӯши давлат буда, масъулияти фаъолияти пурсамари ҷашн дар низоми фарҳанги ҷашнии мардум комилан ба дӯши созмондиҳандагони ҷашн вогузор карда мешавад. Вобаста ба ин, ҷашни умумихалқӣ як самти фаъолияти мутахассисони соҳаи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад[3].

Ҳадаф аз баргузории ҷашнҳои давлатӣ муттаҳид кардани шаҳрвандон дар атрофи раҳбарони расмӣ мебошад. Идҳои давлатӣ ду сатҳ доранд: Дар сатҳи аввал ид аз ҷониби худи мақомот ва шахсони алоҳида ташкил карда мешаванд. Сатҳи дуюм он аст, ки ҷашни давлатӣ бо як ҷашни инфиродӣ муттаҳид мешавад ва одамон зиёфатҳо ташкил мекунанд. Дар ҳолати дараҷаи якум, барои ҷашн рӯзи алоҳидаи истироҳатӣ муқаррар карда мешавад[7].

Дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон соҳаи ҷашнӣ ва расму оинҳо дар сиёсати давлатии иҷтимоии ҷумҳуриамон ба мавзӯи хоса табдил ёфтааст. Солҳои охир мақомоти ҷумҳурӣ ба эҳёи анъанаҳои миллӣ ва эҳтиром ба эҳсосоти динии шаҳрвандон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунанд. Дар ин самт ҷашни давлатӣ эълон шудани Наврӯз, Меҳргон ва Сада як қадами муҳим буд. Масалан, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 2010, No611, рӯзҳои 21-24 март рӯзҳои истироҳат эълон шудааст, яъне Наврӯз чор рӯз ҷашн гирифта мешавад[4].

Рӯзҳои таҷлили идҳои динӣ – Иди Рамазон ва Иди Қурбон рӯзҳои истироҳат (ғайрикорӣ) эълон шудаанд.

Дар пасманзари фазои идона дар Тоҷикистон, дар шароити соҳибихтиёрии давлат, бо ташаббуси мақомоти давлатӣ ҷашнҳои нав – Рӯзи Истиқлолият (9 сентябр), Рӯзи ваҳдати миллӣ (27 июн), Рӯзи Конститутсия (6 ноябр), Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (16 ноябр), Рӯзи Парчами давлатӣ (24 ноябр) ва ғ. ҷорӣ карда шуданд. Дар бораи мутобиқати онҳо бо фарҳанги идонаи тоҷикон шубҳае нест. Муҳаббат ба Ватан, ваҳдати миллӣ ба ҳамаи халқҳо аз ҷумла тоҷикон арзишҳои зарурӣ мебошанд.

Ҷашнҳои нав ин арзишҳоро тараннум мекунанд ва ба дастгирии эҳсосии шаҳрвандони Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Дар маҷмӯъ, дар Тоҷикистон беш аз 70 ид таҷлил карда мешавад, ки ба далели рӯйдодҳо маъмул ва густурдаанд: Соли нав (1 январ), Рӯзи модарон (8 март), Иди байналмилалии Наврӯз (21-24 март), Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (9 май), Рӯзи ваҳдати миллӣ (27 июн), Рӯзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (9 сентябр), Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (6 ноябр), инчунин Иди Рамазон (рӯзе, ки ҳар сол аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи дин муқаррар карда мешавад), Иди Қурбон (рӯзе,ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи дин ҳамасола муқаррар карда мешавад) рӯзҳои истироҳат эълон карда шудаанд[4].

Ба ғайр аз идҳои мазкур, якчанд ҷашнҳои муҳим, аз қабили Рӯзи Дониш (1 сентябр), Рӯзи Ғалабаи халқҳо дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (9 май), Рӯзи Ваҳдати миллӣ (27 июн), Рӯзи забони модарӣ (тоҷикӣ) (5 октябр), Рузи муаллимон (якшанбеи якуми моҳи октябр), Рӯзи умумиҷаҳонии меҳнаткашон (1 май), Рӯзи Артиши миллӣ (23 феврал) ва ғайра ботантана қайд карда мешаванд. Идҳои боқимонда ё ҳамчун иди касбӣ қайд карда мешаванд, ё на дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ таҷлил мегарданд. Дар рӯзҳои идҳои касбӣ, бахусус, кормандони касбҳои “номӣ” истироҳат мекунанд, дигарон бошанд, ин рӯзҳоро ба таври худ ҷашн мегиранд.

Дар қатори ҷашнҳои наве, ки дар солҳои истиқлолияти Тоҷикистон таъсис дода шудаанд, инҳо низ ҳастанд: Рӯзи матбуот (11 март), Рӯзи зиёиёни эҷодкор (20 март), Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе (сеюм шанбеи моҳи апрел), Рӯзи илми тоҷик (якшанбеи сеюми апрел), Рӯзи Шашмақом (12 май), Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон (23 май), зодрӯзи Абӯалӣ ибни Сино, иди касбии кормандони тиб (18 август), Рӯзи китоб (4 сентябр), Рӯзи Рӯдакӣ (22 сентябр), Рӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (30 сентябр), Рӯзи Фалак (10 октябр), Рӯзи синамои тоҷик (16 октябр), Рӯзи театри тоҷик (7 ноябр), Рӯзи Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон (24 ноябр) ва ғайра.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» (аз 3 ноябри соли 1995, № 98 ва аз 2 августи соли 2011, №753) дар асоси Низомнома «Дар бораи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзҳои ид бо ташаббуси мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва коллективҳои меҳнатӣ барафрохта мешавад, чорабиниҳои дорои хусусияти ҷамъиятию сиёсӣ гузаронида мешаванд, парадҳои ҳарбӣ, салютҳои артиллерӣ ва фейерверкҳо гузаронида мешаванд. Ин

чорабиниҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо тартиби муайяннамудаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзҳои ид гузаронида мешаванд.

Дар ҷумҳурӣ идҳои байналхалқии зерин махсусан ботантана кайд карда мешаванд: Рӯзи байналхалқии ҳифзи ёдгориҳои таърих, меъморӣ ва фарҳанг (18 апрел), Рӯзи байналхалқии моликияти зеҳнӣ (26 апрел), Рӯзи байналхалқии муҳофизати кӯдакон (1 июн), Рузи байналхалқии ҳифзи муҳит (5 июн), Рӯзи байналхалкии коркунони кооператсия (6 июл), Рӯзи байналхалқии муҳоҷирон (19 декабр) ва ғайра.

Дар солҳои истиқлолияти Тоҷикистон ба баргузории ҷашнҳо, ки дар онҳо рӯйдодҳои муҳимми иҷтимоӣ бо ҷашнҳои милливу давлатӣ пайваст гаштаанд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд. Инак, аз соли 1992 инҷониб таҷлили ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябр, яъне рӯзи ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон барои сокинони ҷумҳурӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Дар баробари ҷашни Истиқлолият ҳамасола солгарди муҳимтарин воқеаҳои таърихӣ таҷлил мегарданд. Чунончӣ, соли 1994 ҳамзамон бо ҷашни истиқлолияти давлатӣ 1000-солагии “Шоҳномаи”-и Фирдавсӣ, соли 1995- 680 - солагии олим ва маорифпарвари бузург Мирсаид Алии Ҳамадонӣ, соли 1996-675 - солагии классики адабиёти тоҷик Камол Хуҷандӣ, соли 1998 - 90 - солагии академик Б.Ғафуров, соли 1999 - 1100 - солагии Давлати Сомониён, соли 2002 - 2500 - солагии шаҳри Истаравшан ва Соли забони тоҷикӣ, 2006 -2700 - солагии шаҳри Кӯлоб ва Соли тамаддуни ориёӣ, соли 2007 - 800 солагии - Ҷалолиддини Румӣ, 2008 – 1150 - солагии асосгузори адабиёти классикии тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҷашни забони тоҷикӣ, соли 2009 - Соли 1310-умин солгарди асосгузори мазҳаби суннии ҳанафӣ - Имоми Аъзам (Абуҳанифа Нӯъмон ибни Собит), соли 2015 -3000 - солагии Ҳисор, соли 2020-5500-солагии Саразми бостонӣ ва ғ. мутантан таҷлил гаштанд.

Маросимҳое, ки бо фарорасии идҳо муносибати мардумро ба рӯйдодҳои таърихии фаромӯшнашаванда, санаҳои муҳим ва солгарди рушди фарҳанги ватаниву ҷаҳонӣ ифода мекунанд, аҳамияти давлатию миллӣ пайдо мекунанд. Ин ҷашнҳо дар асоси фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи баланди давлатӣ баргузор шуданд. Дар маҳалҳо (дар шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳо маърифатӣ) симпозиумҳо, конференсияҳо, мизҳои мудаввар ташкил карда шуданд. Нашри асарҳо бахшида ба ҷашнҳо ба роҳ монда шуданд.Ин чорабиниҳо дар баробари гузоришҳои мавзӯӣ, аз табрикот, супоридани тӯҳфаҳои хотиравӣ, гузоштани гулчамбарҳо ба пояи муҷассамаҳо ва ғайра иборат буданд.

Барои тамоми тоҷиконе, ки аз ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 наҷот ёфтаанд, ҷашни Рӯзи ваҳдати миллӣ (27 июн) бешубҳа яке аз муҳимтаринҳост. Он ба даҳшати панҷсола, ки дар тӯли он беш аз 100 000 нафар кушта ва садҳо ҳазор сокинон гуреза шуданд хотима бахшид. Соли 1998 Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имзои як фармон 27 июнро Рӯзи ваҳдати миллӣ ва рӯзи истироҳат эълон кард. Дар ин рӯз дар саросари кишвар ҷашну маъракаҳо баргузор мешаванд.

Имзои созишнома «Дар бораи таҳкими сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» воқеан оғози марҳалаи нав дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва ахлоқию фарҳангии мардуми кишвар гардид. Имрӯз дар Тоҷикистон парлумони дупалатагӣ амал мекунад ва бахусус бояд гуфт, ки парлумони нав ҳамчун мақоми қонунгузори кишвар аз лиҳози сохтор ва муҳтаво низ натиҷаи истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ дар кишвар эътироф шудааст. Тоҷикистони нави сохибихтиёру демократӣ бо 180 кишвари ҷаҳон равобити дипломатӣ барқарор карда, 30 намояндагии дипломатӣ ва 10 муассисаи консулӣ боз кардааст; дар мамлакатҳои ҷаҳон намояндагиҳои дипломатӣ ва тиҷоратии давлати мо амал мекунанд. Ин дастовардҳо, ки “сиёсати дарҳои кушоди хориҷӣ” ном бурда мешаванд, дар низоми

равобити дипломатии Тоҷикистон заминаҳои равобити устувору мустаҳками Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳониро ба вуҷуд оварда, сиёсати сулҳҷӯёнаи онро дар ҷаҳони муосир ҳамчун намунаи сиёсат муаррифӣ намуданд.

Зарурати сиёсӣ ва аҳаммияти таърихии ин санади тақдирсоз барои дар тақвими ҷашнҳои давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол муқаррар гардидани ҷашни дигари муосир бо номи «Рӯзи ваҳдати миллӣ», ки ҳамасола 27-уми июн таҷлил мешавад, шарти зарурӣ гардид. Бо тақозои ҷомеа таҷлили рӯйдодҳои аз ҷиҳати сифат ва аҳаммияти нав, ки ибтидои онҳо аз сиёсати давлат сарчашма мегирад, фазои тантанаҳои нави миллии давлати демократии Тоҷикистонро дигаргун сохт.

16 майи соли 1998 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯрӣ бо ҷавонони боистеъдоди кишвар ба сиёсати давлатӣ оид ба масъалаҳои ҷавонон баҳогузорӣ намуда, доир ба масоили таҳияи Консепсия оид ба сиёсати давлатии ҷавонон, Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон, эълон намудани 23-май Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон ва андешидани тадбирҳо дар самти пешгирии ҷинояткорӣ ва нашъамандӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим, рушди соҳибкорӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ба масъулини сохторҳои дахлдор дастурҳо доданд[7].

Натиҷаҳои ин сиёсат, ҷорӣ шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» аз моҳи марти соли 1992, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 1997 «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» ва дар ҳамин замина таъсис ёфтани мақомоти ваколатдори давлатии Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷомеа, зарурати таъсиси ҷашни нави «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» ва ворид намудани он ба тақвими ҷашнҳои миллӣ ҳамчун рӯзи ҷашни умумиро ба миён оварда, ки ҳамасола 23 май дар миқёси ҷумҳурӣ таҷлил мегардад. Барои бомуваффақият таҷлил намудани ин ҷашн солҳои охир дар ҷумҳурӣ ҳафтаҳо ва даҳсолаҳои ҷавонон баргузор гардида, дар доираи чорабиниҳои идона мусобиқаҳои гуногуни фарҳангию фароғатӣ ташкил карда шудаанд. Ҳамин тавр, дар вилояти Суғд аз соли 2003 инҷониб ҳамасола таҳти унвони «Даҳ рӯзи ҷавонӣ» чорабиниҳои идона ташкил карда мешаванд.

Дар доираи ин чорабиниҳо консертҳо, озмунҳои гуногун – фестивалҳо, курс–конференсияҳои адибону шоирони ҷавон, рӯзноманигорон, конференсияи олимони ҷавон, ҳафтаи худидоракунӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, гулчанбаргузорӣ ба пояи ёдгориҳои Исмоили Сомонӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Камол Хуҷандӣ, маросими тантанавии супоридани стипендияи номии раиси вилоят ба аълохонони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, коллеҷҳо, техникумҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, аспирантҳо ва ғ.роҳандозӣ гаштанд[5,с.64-65].

Бо мақсади тарбияи ватандӯстии ҷавонон, бахусус бедор намудани ҳисси эҳтиром ба артиши миллӣ, ҳимояи фидокоронаи марзу буми Ватан, баланд бардоштани тарбияи ҳарбӣ ва варзишии ҷавонон ҳамасола бахшида ба ҷашни Ватан чорабиниҳои гуногун гузаронида мешаванд. Рӯзи Артиши миллии Тоҷикистон – 23 феврал вохӯриҳо бо собиқадорони артиш ва ҷанг ва иштирокчиёни барқарории сохти конститутсионӣ, суҳбатҳо дар ВАО, конфронсҳо, мизҳои мудаввар, консертҳо, мусобиқаҳои варзишии ҳарбӣ ва ғ. баргузор мегарданд. Чунончӣ, аз 6 то 14 феврали соли 2008 дар иншооти варзишии шаҳри Хуҷанд байни дастаҳои қисмҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи вилоят мусобиқаи анъанавии спартакиадаи ҳарбии «Ҳомии Ватан» баргузор гардид. Иштирокдорони чорабинӣ оид ба тирпарронӣ аз автомати Калашников ва таппонча, рафъи монеаҳо, вазнбардорӣ, ҷанги тан ба тан ва ғайра рақобат карданд[5,с.149].

Сол то сол Рӯзи парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон – 24 ноябр (аз 16 ноябри соли 2009, № 563 тасдиқ шудааст) ботантана таҷлил мегардад. Таҷлили Рӯзи парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини эҳтиром ва арҷгузорӣ ба ин рамзи давлатӣ ҳамчун яке аз муқаддасот ва рамзҳои асосии давлат таъсис дода шудааст. Парчами нави давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар иҷлосияи Шӯрои Олӣ 24 ноябри соли 1992 қабул гашта буд.

Ташаккул ва таҷлили ҷашни касбии Рӯзи матбуот (11 март) рӯйдоди дигари муҳим дар ҳаёти кишвар мебошад. Бо таъсиси ин ҷашн навгониҳо вориди тақвими рӯйдодҳои муҳим гардида, ба онҳо хусусияту ранги миллӣ бахшида, санаҳои таърихии ташаккули ин ҷашнҳои касбиро қайд карданд. Инак, ҳамасола дар замони шӯравӣ 5 май ҳамчун Рӯзи матбуот таҷлил мешуд, ки ба муносибати нашри шумораи нахустини рӯзномаи «Правда» бахшида мешуд. Дар шароити истиқлоли кишвар ин ҷашн нигоҳ дошта шуд, вале санаи таҷлили он ба 11 март – рӯзи нашри нахустин шумораи рӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» гузаронида шуд[2].

Рӯзи модар ҳар сол дар Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад. Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 3 ноябри соли 1995, № 98 номгузории «Рӯзи байналхалқии занон» — ро ба Рӯзи модар иваз намудааст[8].

Яке аз ҷашнҳои муҳим, ки оғози он ҳарчанд бо даврони Шӯравӣ ва марҳилаҳои бозсозӣ алоқаманд мебошад, вале барои ташаккули истиқлолияти миллии кишвар заминаи устувор гузошт, таҷлили «Рӯзи забони тоҷикӣ» ба шумор меравад. Соли 1989 бо ташаббуси як идда зиёиёни тоҷик – Муҳаммадҷон Шакурӣ, Лоиқ Шералӣ, Акбари Турсунзод ва бисёр дигарон масъалаи мақоми забони давлатӣ додан ба забони тоҷикӣ матраҳ шуд. Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони тоҷикӣ»-ро қабул кард ва дар асоси он 22 июл ҳамчун «Рӯзи забони тоҷикӣ» эълон гардид. Дар натиҷа аз соли 1989 то соли 2009 дар ҷумҳурӣ 22 июл ҳамчун «Рӯзи забон» ҷашн гирифта мешуд.Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» тағйирот даровард ва рӯзи 5 октябр — Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.10.2009 с., № 699) эълон шудааст.

Омӯзиши таърихи идоракунии давлат нишон медиҳад, ки аҷдоди мо барои таҳкими пояҳои давлатдорӣ, таҳаввули фарҳангу илму адаб ва таҳкими сулҳу ваҳдат аз неру ва тавоноии забон истифода намуда, тадбирҳои муҳофизат ва нигоҳ доштани сарватҳои забони миллиамон рисолати хоса гирифтаанд.

Бо қонуни махсус ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода барои суханварони он, барои дар тамоми самтҳои фаъолият истифода бурдани сарвати он имкониятҳои васеъ фароҳам оварда. Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ забони тоҷикӣ далели раднопазири дахлнопазирии ҳастии миллат, фарҳанги он гардид.

Дар ибтидои асри XXI ҳукумати Тоҷикистон ба роҳандозии сиёсати пурмазмуни фарҳангӣ дар робита ба мусиқии анъанавии касбӣ шурӯъ кард. Дар давоми даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ барои нигоҳ доштани ин анъана ва стратегияи рушди он дар сатҳи давлатӣ як қатор ҳуҷҷатҳои дастурӣ қабул карда шуданд. Аз ҷумла, соли 2000 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 май рӯзи ид – Рӯзи Шашмақом эълон шуда буд, ва пас аз чанд сол бо фармони дахлдор “Дар бораи Рӯзи Фалак” рӯзи 10 октябр ҷашни нави ҳарсола – Рӯзи Фалак эълон шуд.

Дар натиҷаи таъсиси ҷашнҳои нави мусиқии миллии тоҷик мавқеи иҷтимоии ин навъҳои санъати мусиқии суннатӣ хеле баланд гардида, барои рушди Шашмақом ва Фалак маҷмӯи тадбирҳо андешида мешаванд. Ин иқдомҳо дар сиёсати давлатии Тоҷикистон

шаҳодати он аст, ки давлат масъулияти худро барои ҳифз ва рушди минбаъдаи санъати чандинасраи тоҷик эълон мекунад[1,с.482-483].

Истиқлолияти Тоҷикистон марҳалаи нави камолоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад. Бо мақсади тарғибу ташвиқ ва тарғиби дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ ҳамасола тантанаҳои гуногуни бузург, симпозиумҳои байналмилалӣ, фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва семинар-маҷлисҳои вилоятӣ гузаронида мешаванд. Ба ин чорабиниҳо фестивал-озмуни ҷумҳуриявии бофтани дарозтарин мӯйи занона -«Чакомаи гесу» ва озмуни «Атласи тоҷик» дохил мешаванд.

Ҳамчунин, дар доираи баргузории ин чорабинӣ тарғиби шеъру таронаву рақсҳои тоҷикӣ, ривояту афсонаҳои мардумии дорои зебоию назокати хоса, ҷаззобияти бофтани мӯйи зан, сару либос ва ҷавоҳироти миллӣ ба роҳ монда шуданд[9].

Барои писарону духтарон, қариб барои ҳар як оилаи Тоҷикистон воқеаи дурахшони оғози соли хониш мебошад. Мувофиқи анъана якуми сентябр — Рӯзи дониш дар вазъияти ботантана кайд карда мешавад. Барои мактаббачагон ин иди занги аввал, барои хонандагони омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва мактабҳои миёнаи махсус — ҷамъомади тантанавӣ, барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ — маросими оғози таҳсили донишҷӯӣ маҳсуб меёбад.

Дар байни идҳое, ки бо ташаббуси мақомоти давлатӣ баргузор мешаванд, ҷашнҳои ҳосил – харбуза, каду, пахта, асал ва ғ. низ ҳастанд.

Ҳамин тавр, дар таҷлили санаҳои хотирмони дар боло зикршуда муносибати эҳтиромонаи мардуми Тоҷикистон ба арзишҳои маънавии пешрафтаи на танҳо фарҳанги миллӣ, балки тамоми башарият ифода меёбад. Тоҷикон бо таҷлили рӯйдодҳои муҳим ва солгарди марбут ба рушди фарҳанги пешрафтаи ватанӣ ва ҷаҳонӣ нишон доданд, ки фарҳанг метавонад дар заминаи муттасилӣ, коркарди интиқодии мероси фарҳангии башарият бомуваффақият рушд кунад.

ПАЙНАВИШТ:

1. *Азизи Ф.Традиционная профессиональная музыка Таджикистана: приоритеты, проблемы, решения (годы независимости) / Азизи Ф.// Очерки истории и теории культуры таджикского народа. Т. 4. – Душанбе, 2010. –С. 481-509.*
2. *Атозода Муҳаммадиқбол. 11-март Рӯзи матбуоти тоҷик/ Атозода Муҳаммадиқбол // https://parlament.tj/news/30-11-marta-den-tadzhikskoj-pressy. (санаи мурочиат: 15.09.2022)*
3. *Гужова И. В. Государственный праздник как социально-коммуникативная технология / Гужова И. // http: //pr. su.ru /articles/120/ (санаи мурочиат: 15.09.2022)*
4. *Закон Республики Таджикистан «О праздничных днях» //http://ncz.tj/content/%D0%B7%D0% B0%D0%BA% D0%BE%D0%BD (Санаи мурочиат: 15.09.2022)*
5. *Расулзода, Қоҳир. Соли санҷишҳои ҷиддӣ. –Хуҷанд: Хуросон, 2008. – 178 с.*
6. *Любой другой праздник //http://www.barbariska.spb.ru/pages/317/ (санаи мурочиат: 15.09.2022)*
7. *Пешвои миллат – рамзи саодату хушбахтии мо ҷавонон// http://hhdtkhatlon.tj/node/28072?page=4 (санаи мурочиат: 15.09.2022)*
8. *Рӯзи модар// https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%A0%D3%AF% D0% B7%D0%B8_%D 0%BC% D0%BE% D0%B4%D0%B0%D1%80(санаи мурочиат: 14.09.2022)*
9. *«Чакомаи гесӯ» - эҳёи фарҳанги ороишоти бонувони тоҷик //http://www.ruzgor.tj/zan-va-jomea /2702-l-r---.htm l (санаи мурочиат: 15.09.2022*)

Reference Literature:

1. *Azizi F. Traditional Professional Music of Tajikistan: Priorities, Problems, Solutions (Independence Period) // Essay on the history and culture of the Tajik nation. V. 4. – Dushanbe, 2010. – pp. 481-509.*
2. *Atozada Muhammad Iqbol. March 11, the Day of Tajik Press // https://parlament.tj/news/30-11-marta-den-tadzhikskoj-pressy. (Date of appeal: 15.09.2022)*
3. *Guzhova I. V. State Holiday as a Social and Communicative Technology // http: //pr. su.ru /articles/120/ (Date of appeal: 15.09.2022)*
4. *Tajikistan Republic Law "On Public Holidays" //http://ncz.tj/content/%D0%B7%D0% B0%D0%BA% D0%BE%D0%BD (Date of appeal: 15.09.2022)*
5. *Kohir Rasulzoda. Year of Serious Tests. -Khujand: Khorasan, 2008. -178 pp.*
6. *Any other Holiday //http://www.barbariska.spb.ru/pages/317/ (Date of appeal: 15.09.2022)*
7. *The Leader of Nation - a Symbol of our Youth`s Happiness // http://hhdtkhatlon.tj/node/28072?page=4 (Date of appeal: 15.09.2022)*
8. *Mother`s Day// https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%A0%D3%AF% D0% B7%D0%B8_%D 0%BC% D0%BE% D0%B4%D0% B0%D1%80 (Date of appeal: 14.09.2022)*
9. *"Chakoma Gesu" Being the Revival of Culture of Tajik Women`s Ornaments //http://www.ruzgor.tj/zan-va-jomea /2702-l-r---.htm l (Date of appeal: 15.09.2022)*